Бо қарори мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз “30” 10 соли 2013,
№ 18/27 тасдиқ шудааст

# НИЗОМНОМАИ ШӮРОИ МЕТОДӢ

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Шӯрои методӣ воҳиди сохтории муассисаи таълимӣ буда, бо мақсади расонидани ёрии таълимию методӣ ба иттиҳодияҳои методӣ дар татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи маориф, баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон ва кадрҳои роҳбарикунандаи муассисаҳои таълимӣ ташкил карда мешавад.

1.2. Шӯрои методӣ аз ҳисоби омӯзгорони навовар, роҳбарони иттиҳодиҳои методӣ, китобдор таъсис ёфта, мақоми машваратӣ-маслиҳатдиҳӣ дорад. Роҳбарии Шӯрои методӣ ба зиммаи муовини директор оид ба корҳои таълим гузошта мешавад. Ҳайати он аз тарафи Шӯрои педагогии муассисаи таълимӣ тасдиқ ва бо фармоиши директори муассисаи таълимӣ ба расмият даровarда мешавад. Шӯрои методӣ фаъолияти худро дар асосҳои ҷамъиятӣ ба роҳ мемонад.

1.3. Шӯрои методӣ дар фаъолияти худ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи муассисаи таълимӣ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва Низомномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.

1.4. Шӯрои методӣ дар сурати дар муассисаи таълимӣ фаъолият намудани на камтар аз 3 иттиҳодияи методӣ таъсис дода мешавад.

Шӯрои методӣ кори кафедраҳо, иттиҳодияҳои методӣ, фаъолияти озмоишӣ-тадқиқотии коллективи педагогиро ҳамоҳанг намуда, дар назди Шурои педагоги ҳисоботдиҳанда мебошад.

## 2. Мақсад, вазифаҳо ва самтҳои фаъолият :

2.1. Мақсади асосии фаъолияти Шӯрои мегодӣ ҳамоҳангсозии корҳои методӣ, рушди мазмуни таҳсилот, ташкилу мураттабсозӣ ва расмӣ кунонидани барномаҳои озмоишӣ, маводи методӣ, нақшаҳои кории иттиҳодияҳои методӣ, нақшаи таълимии муассиса мебошад.

## 3.Вазифаҳои Шӯрои методӣ:

3.1. Ташкили гурӯҳи пуриқтидори ҳамфикрон, ки анъанаҳои муассисаи таълимиро ҳифз намуда, баҳри рушди иқтидори эҷодии коллективи педагогӣ равона карда шудааст.

3.2. Дарёфт намудани шаклҳои фаъоли корҳои коллективонаи методӣ, шаклҳои инноватсионии корҳои методӣ;

3.3. Саҳмгирӣ дар фаъолгардонии фаъолияти тадқи- қотии омӯзгорон;

3.4. Баланд бардоштани дараҷаи илмию методӣ, омӯзиш, таҳлили вазъи бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон;

3.5. Дар асоси таҳлил ва мушоҳидаҳо муайян намудани мушкилоти мавҷуда дар самти корҳои методӣ ва роҳҳои ҳалли он;

3.6. Пешниҳод намудани омӯзгорони пешқадам ба Маъмурияти муассисаи таълимӣ ҷиҳати ҳавасмандгардонӣ;

3.7.Омӯхтани вазъи фаъолияти кафедраҳо, иттиҳо- дияҳои методӣ ва манзур намудани дархосту тавсияҳо доир ба тақвият бахшидани кор дар ин самт;

3.8.Вобаста намудани мутахассисони ҷавон ба устодони варзидаю пуртаҷриба ва расонидани ёрии методӣ ба онҳо.

## 4. Шаклҳои асосии фаъолияти Шӯро

4.1. Ташкил ва баргузор намудани ҷамъомади шӯро, семинар ва практикумҳо.чорабиниҳои гуногуни методӣ дар муассисаи таълимӣ;

4.2. Таҳлил ва баррасии нақша ва барномаҳои таълимӣ;

4.3. Банақшагирӣ ва ташкили курсҳои омӯзишӣ;

4.4.Омӯзиш,баррасӣ ва тарғиби таҷрибаи пеш- қадами омӯзгорӣ;

4.5. Таъмин ва ташкили шароит барои такмили маҳорати касбии омӯзгорон дар давраи омодагӣ ба аттестатсия;

4.6. Роҳбарӣ ва ташкилу гузаронидани конфсренсияҳои илмӣ-амалӣ, мизи мудаввар, озмунҳо, таҳсилҳои педагогӣ, намоишҳо, ҳафтаҳои фаннӣ ва ғ.;

4.7. Банақшагирӣ ва ташкили кори гурӯҳи коллективҳои эҷодие, ки бо ташаббуси маъмурияти муассисаи таълимӣ ва омӯзгорон таъсис дода шудааст.

4.8. Муайян намудани фаъолияти муассисаи таълимӣ дар самти кор бо мутахассиси ҷавон;

4.9. Муҳокимаи барномаҳои инноватсионӣ, озмоишӣ ва барои баррасӣ ва тасдиқ пешниҳод намудани он ба Шӯрои педагогӣ;

4.10. Муҳайё намудани шароит барои қонеъ гардонидани талаботи иттилоотӣ, таълимию методӣ ва ташкилию педагогии субъектҳои муассисаи таълимӣ.

## 5. Низоми фаъолияти Шӯрои методӣ

5.1. Фаъолияти шӯро дар асоси нақшаи солонаи муассисаи таълимӣ ба роҳ монда мешавад. Нақшаи кори Шӯрои методӣ аз ҷониби раиси шӯро таҳия гардида, дар ҷаласаи шӯрои педагогӣ тасдиқ карда мешавад. Ба нақша дар ҳолатҳои зарурӣ тағйиру иловаҳо ворид кардан мумкин аст.

5.2. Барои таъмини низоми ҳуҷҷатгузорӣ ва назорати иҷрои саривақтии масъалаҳои банақшагирифта шӯро котиб интихоб менамояд.

4.1. Шӯро дар фаъолияти худ ба Шӯрои недагогии

муассисаи таълимӣ тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

4.2. Шӯрои методӣ ҷамъомадҳои худро дар 2 моҳ як маротиба мегузаронад.

4.3. Бо назардошти имконоти мавҷуда барои гузаронидани ҷаласаи шӯрои методӣ, нигоҳдории ҳуҷҷатҳо ва тавсияҳои методӣ кабинети алоҳида (кабинети методӣ) ҷудо карда мешавад, ки ҷаласаи иттиҳодияҳои методӣ низ дар он ҷо гузаронида мешавад. Дар муассисаҳои таълимие, ки имкони ҷудо намудани кабинети алоҳидаро надоранд бо ин мавқсад хонаи омӯзгорон ва ё гӯшаи методӣ истифода мегардад.

5.5. Тавсияҳои Шӯрои методӣ дар ҳолати иштироки аз 3/4 ҳиссаи аъзо .ва овоз додани аз 2/3 ҳиссаи иштирокдорон эътибор пайдо мекунад.

## б.Ҳуҷҷатгузории Шӯрои методӣ

6.1.Низомномаи Шӯрои методӣ;

6.2. Маълумот дар бораи маъмурият ва кадрҳои педагогӣ;

6.3. Таҳлили фаъолият дар соли таҳсили сипаригашта;

6.4. Нақшаи кори Шӯрои методӣ барои соли ҷорӣ;

6.5. Нақшаи аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани омӯзгорон;

6.6. Ҷадвали гузаронидани дарсҳои кушод ва чорабиниҳои беруназсинфӣ;

6.7. Нақшаи дурнамои аз КТИ гузаронидани кадрҳои омӯзгорӣ;

6.8. Нақшаи гузаронидани ҳафтаҳои фаннӣ;

6.9. Барномаи таълимии фанҳо;

б.Ю.Ҷадвали иҷроиши барномаҳои таълимӣ аз рӯйи фанҳо;

б.П.Нақшаи кор бо мутахассисони ҷавон ва омӯзгорони нав ба кор омада;

6.12. Натиҷаҳои назорати дохили муассиса (маълумотномаҳои таҳлилӣ);

бДЗ.Протоколи ҷамъомадҳои Шӯрои методӣ.

## 7. Ҳуқуқ ва ухдадориҳои Шӯрои методӣ

7.1. Шунидани ҳисоботи роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ;

7.2. Пешниҳод ва тавсия барои аз аттестатсия гузаронидани омӯзгорон, додани тахассуси омӯзгорӣ, пешбарӣ ба мукофотҳои давлатӣ;

7.3.Омӯзиш, баррасӣ ва тасдиқи нақшаҳои кории иттиҳодияҳои методӣ, гузаронидани семинарҳо, конференсияҳо, мизҳои мудаввар ва ғ.;

7.4. Дар назди маъмурияти муассисаи таълимӣ доир ба ҳавасманд намудани омӯзгороне, ки нишондиҳандаҳои хуби таълимӣ доранд, пешниҳод манзур менамояд;

7.5. Фикру дархости маъмурият ва омӯзгоронро доир ба амалишавии масъалагузории фаъолияти Шӯро баррасӣ менамояд.